13025 - Оё ӯ метавонад дар тарабхонае, ки дар онҷо нӯшокиҳои спиртӣ тақдим карда мешавад, хӯрок бихӯрад?

савол

Оё дар тарабхонаҳое, ки дар онҷо нӯшокиҳои спиртӣ пешкаш карда мешавад, хӯрок хӯрдан ҷоиз аст?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар имкони хӯрок хӯрдан дар ҷои дигар бошад, барояш ҷоиз нест, ки дар онҷо хӯрок бихӯрад, зеро ин ҳамкорӣ бо онҳо дар гуноҳу таҷовуз аст, ки Аллоҳ таъоло аз ин кор наҳӣ кардааст. Аммо агар дар ҷои дигар хӯрок хӯрдан имкон надошта бошад, барояш ҷоиз аст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ дар онҷо хӯрок бихӯрад, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَمَا جَعَلَ عَلَيْكُمْ فِي الدِّينِ مِنْ حَرَجٍ

سورة الحج: ٧٨

«Ва дар дин бароятон ҳеҷ кори сангин ва сахте қарор надод». (Сураи Ҳаҷ: 78).

Ҳамчунин Аллоҳ таъоло мефармояд:

لَا يُكَلِّفُ اللهُ نَفْسًا إِلَّا وُسْعَهَا

سورة البقرة: ٢٨٦)

«Аллоҳ ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тоқаташ мукаллаф (ӯҳдадор) намесозад». (Сураи Бақара: 286).

Вале (дар он тарабхонаҳо) фақат чизҳои ҳалолкардаи Аллоҳ таъолоро бихӯраду

бинӯшад. *(Яъне дар ҳолатҳои зарурӣ барояш ҷоиз аст, ки ба ин гуна тарабхонаҳо ворид шуда, танҳо чизҳои ҳалолро бихӯраду бинӯшад ва аз хӯрдану нӯшидани чизҳои ҳаром ва шубҳанок парҳез кунад).*